**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 372. 800. 2(575.3)

**ШАМСУЛЛОЗОДА ДИЛОВАР ШАМСУЛЛО**

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИРТИБОТӢ ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМИИ БАКАЛАВРҲОИ ИХТИСОСИ «ИНФОРМАТИКА»

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (Информатика))

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Миролизода Абдусалом Мустафо** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи милли Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Назаров Аҳтам Пулотович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти кибериии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон<br><br>**Назарзода Рустам Саидмурод -** номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисӣ-компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | МДТ **«Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** |

Ҳимояи диссертатсия санаи 7- уми феврали соли 2026, соати 11:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор мегардад. E-mail: shuhrat86.86@mail.ru; рақами телефони котиби илмӣ (+992) 918 72 07 01.

Бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва тавассути сомонаи www.btsu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_______» ____________________ соли 2025 ирсол шуд.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Ҳасанов Ш.Р.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми сезинагии таҳсилоти олӣ ҷорӣ карда шуд, ки ин тағйирот аз таъсири омилҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ ва дигар омилҳои ҷомеаи муосир бармеояд. Чунин гузариш талаботи омодасозии касбии донишҷӯёнро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин коркард ва ҷорӣ намудани стандартҳои давлатии таълимиро дигаргун сохт. Ҳамаи ин дигаргуниҳо як қатор масъалаҳоро тавлид намуданд, ки ба татбиқи раванди таҳсилоти касбӣ, роҳҳои амалинамоии талаботҳо ба бакалаврҳо, ки дар стандартҳои таълимии давлатӣ таҷассум гардидаанд, алоқаманд омодасозии. Ҳалли масъалаҳои мазкур бояд ба муайян намудани хусусиятҳои тайёрнамоии касбии бакалаврҳо асос ёбад.

Тайёр намудани мутахассисон, бакалаврҳо ва магистрҳои баландихтисос ва рақобатпазир вазифаи аввалиндараҷаи таҳсилоти касбӣ ба ҳисоб меравад, ки иҷрои он бо дигаргунсозии низоми маориф, гузариш ба низоми зинавии тайёрнамоӣ, ки аз ворид гардидани Тоҷикистон ба раванди Болон бармеояд, алоқаманд аст.

Дар шароити имрӯза барномаҳои асосии касбӣ дар таълими бакалаврият мувофиқи стандартҳои таълимии давлатӣ дар таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда шуда, диққати асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ равона карда шудааст.

Омодасозии бакалаврҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бедар назардошти технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ нопурра аст, зеро истифодаи ин технологияҳо дар раванди таълим сифат ва сатҳи тайёр намудани бакалаврҳоро баланд мебардорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷаҳони муосир истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад ва аз ҷониби кишварҳои алоҳида ба ин масъала диққати махсус равона карда мешавад. Маҳз аз ин сабаб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пойгоҳи

муайяни истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар раванди таълим ташаккул ёфта, муҳиммияти истифодаи он дар стратегияҳо, барномаҳо ва консепсияҳо махсусан қайд карда мешавад. Дар ин ҳуҷҷатҳо масъалаи тақвияти қобилияти зеҳнӣ, баланд бардоштани сифат ва сатҳи омодасозии бакалаврҳои баландихтисос ва рақобатпазир тариқи истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ муайян гардидаанд.

Таҳлили сарчашмаҳои педагогӣ, омӯзиши таҷрибаи кори муассисаҳои таҳсилоти олӣ имконият медиҳад, ки як қатор мухолифатҳо ошкор карда шавад:

– зарурати тайёрнамоии бакалаврҳои ихтисоси информатика дар шароити афзудани мавқеи чунин мутахассисон дар ҷомеаи иттилоотӣ ва пурра таъмин набудани шароит барои тайёрнамоии сифатноки бакалаврҳои ихтисоси информатика;

– афзудани талаботи ҷомеаи иттилоотии муосир ба бакалаврҳо, ки фаъолияти иттилоотиро дар самти ҷамъоварӣ, коркард, интиқоли иттилоот амалӣ менамоянд ва сатҳи нокифояи омӯзиши муқарраротн назариявӣ, ки принсипҳои таҳсилоти бефосила, мундариҷаи унсурҳои асосии фаъолияти иттилоотии мутахассисро муайян месозанд;

– мундариҷаи ташаккулёфтаи тайёрнамоии бакалаврҳои ихтисоси информатика ва зарурати такмили мундариҷаи тайёрнамоии касбии бакалаврҳои ихтисоси информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

– вазъияти муосири муносибатҳои методӣ дар тайёрнамоии бакалаврҳои ихтисоси информатика, ки талаботи омӯзиши мунтазами сатҳи доимо такмилёбандаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ, истифодаи онҳо дар ҷомеаи иттилоотиро ба инобат намегирад ва зарурати коркарди таъминоти таълимӣ-методӣ дар омодагии пайваста, ки ба татбиқи имкониятҳои технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ равона карда шудааст.

Ҳамин тариқ, чунин мешуморем, ки таҳқиқи истифодаи технологияҳои иттилотиву иртиботӣ дар тайёр намудани бакалаврҳои рақобатпазир дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон дорои аҳаммияти

назариявӣ ва амалӣ мебошад. Гузаронидани чунин таҳқиқот, ки ба баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои мавҷудаи истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар тайёр намудани мутахассисон равона гардидааст, зарур ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо зарурати асоснокунии назариявӣ,таҳияи сохтор,мундариҷа ва таъмини илмӣ-методии омодасозии бакалаврҳои ихтисоси информатика бо истифодаи техналогияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва имкониятҳои онҳо дар фаъолияти касбӣ, такмили сатҳи кордонӣ дар шароити ҷомеаву таҳсилоти иттилоотӣ муайян карда мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар тайёр намудани бакалаврҳои рақобатпазири ихтисоси информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз ба таври маҷмуавӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин хотир, дар диссертатсияи мазкур масъалаҳои мазкур ба таври маҷмуавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Саҳми арзандаро дар коркарди масъалаҳои гуногунҷанбаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ чунин муаллифон, ба монанди Е.М. Бершадский, А .Г. Асмолов, О.В. Брыкова, Н.В. Бужинская, В.П. Беспалько, Е.М. Ганичева, Вербицкий, А.А., М.Н. Вятютнев, Э.Ф. Зеер, С.Г. Григорьев, Краевский, В.В., Кузьмина, Н.В., , Е.В. Комелина, Г.А. Кручинина, Ю. Кулюткин ва дигарон гузоштаанд. [9, 2, 11, 12, 10, 16, 13, 14, 15, 27, 28, 19, 20, 35, 38, 39, 34, 36, 37, 41]

Масъалаҳои назарияи идоракунии равандҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз тарафи Е.М. Ганичева, Б.С. Гершунский, М.А. Горюнова, В.В. Гришкун, Л.И. Гуре, М.В. Желтякова, И.В. Забродина, Э.Ф. Зеер, Т.С. Ильина, М.В. Куликова, Л.Г. Куликова ошкор ва баррасӣ гардидаанд. [16, 23, 18, 21, 22, 26, 27, 28, 29, 30, 41]

Методҳо, шаклҳо, муносибатҳо ва технологияи тайёрии касбии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар корҳои Т.А. Лавина, М.А. Ларионова, М.Б. Лебедева, И.А. Матвеенко, А.М. Мирализода, Н.В. Бужинская, С.Г. Григорьев, А.И. Дубских, Д.А. Ежиков, М.О. Ильяхов, М.М.

Левина, Т.Н. Носкова, О.И. Соколова ва дигарон баррасӣ гардидаанд. [47, 48. 49, 54, 55, 12, 19, 20, 24, 25, 31, 50, 57, 64]

Масъалаҳои мухталифи иттилоотонии соҳаи маориф, асосҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои педагогиву психологии истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ, истифодаи методҳои мухталиф дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ аз тарафи Е.С. Полат, М.В. Каймакова, В.П. Беспалько, Е.В. Батаева, И.Д. Агафонова, Л.Л. Балакина, Г.Ю. Беляев, Е.В.Батаев, М. Е. Бершадский, В.П. Беспалько, И.В. Роберт, Л.Н. Горбунова, Л.И. Гуре, Т.С. Ильина мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шудаанд.[59, 60, 32, 10. 7, 1, 5, 6. 8, 7, 9, 10, 61, 62, 63]

Муҳаққиқони тоҷик, ба монанди М. Лутфуллозода, К.Б. Қодиров, Ф.Ш. Шарифзода, И.Х. Каримова, Ғ. Бобизода, Ф.С. Қосимов ва дигарон, ҷанбаҳои амалии истифодаи технологияҳои иттилоотиву робитавиро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар тайёр намудани мутахассисон ва идора кардани муаассисаи таҳсилоти олӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. [53, 43, 44, 45, 46, 65, 66, 67, 33, 34, 53, 56]

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ:** Таҳқиқоти диссертатсионии мавзуи мазкур дар чаҳорчӯбаи мавзуи илмии кафедраи педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси «Информатика»« барои солҳои 2019-2024 ба анҷом расонида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ.

**Мақсади таҳқиқот:** асоснокнамоии назариявӣ-методологӣ ва санҷишиву таҷрибавии истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар тайёр намудани бакалаврҳои ихтисоси информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ба даст овардани мақсади тадқиқоти мазкур иҷрои вазифаҳои зерин дар madди назар мебошанд:

– омӯзиш ва таҳлили муносибатҳои илмӣ дар тайёрнамоии касбии бакалаврҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

– омӯзиш ва баррасии моҳият, хусусиятҳо ва ҷанбаҳои асосии муҳити иттилоотиву таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

– таҳлили вазифаҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

– омӯзиш ва таҳлили роҳҳо ва воситаҳои такмили методҳои таълим дар тайёрнамоии касбии бакалаврҳо дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ;

– омӯзиш ва баррасии тарҳҳои ташаккули салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– омӯзиш ва баҳогузории роҳҳо ва воситаҳои таъминоти методӣ-иттилоотии раванди ташаккули салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр;

– гузаронидани корҳои санҷишиву озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо.

**Объекти таҳқиқотро** раванди тайёрнамоии бакалаврҳои ихтисоси информатика бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ташкил намудааст.

**Мавзуи таҳқиқот** таҳлили истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси «Информатика» мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Мувофиқи мақсаду вазифаҳои таҳқиқот фарзияи таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки сатҳ ва сифати тайёр намудани бакалаврҳои ихтисоси информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ самаранок мегардад, агар:

– муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои муосири иттилоотиву иртиботӣ ба пуррагӣ таъмин карда шаванд;

– дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба бунёди муҳити иттилоотиву иртиботӣ диққати зарурӣ равона карда шавад;

– шартҳои дидактикии тайёрнамоии самараноки бакалаврҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ба инобат гирифта шаванд;

– методҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ такмил дода шавад;

– тарҳҳои ташаккули салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботӣ донишҷӯёни зинаи бакалавр дар асоси донишҳои назариявӣ коркард карда шаванд;

– дар раванди ташаккул ва инкишофи салоҳиятнокӣ, иттиллоотиву иртиботӣ донишҷӯёни зинаи бакалавр бо маводҳои методиву иттилоотӣ бояд таъмин карда шаванд.

*Марҳилаҳои таҳқиқот.* Таҳқиқот дар се марҳилаи ба ҳам алоқаманд дар давоми солҳои 2019-2024 сурат гирифтааст:

– *давраи якум (2019-2020)-ро* ҷамъоварии мавод, ташхису таснифот ва банизомдарории онҳо, интихоби далелҳои педагогӣ, ғояҳо, назарияҳо муайян намудани натиҷаи ҷустуҷӯҳо дар иртибот ба мавзуи тадқиқот ташкил медиҳад;

– *дар давраи дуюм (2021-2022)* омӯзиши мавод ва ташхиси онҳо идома ёфта, хулосаҳои бадастовардашуда бо натиҷаҳои ибтидоӣ муқоиса карда шуданд. Аз ҷумла, натиҷаҳои бадастомада қисман дар шакли мақолаҳо ба чоп расонида шудаанд.

– *дар давраи сеюм (2023-2024*) хулоса ва пешниҳодҳо дақиқ гардонида шуда, натиҷаҳои бадастомада дар қолаби рисола, яъне диссертатсияи номзадӣ, ба анҷом расонида шудааст.

**Асоси назариявии таҳқиқот.** Ҷанбаҳои мухталифи назариявӣ ва амалии тайёрнамоии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз тарафи муҳаққиқони зиёд мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Дар раванди тадқиқот бо мақсади ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва санҷиши фарзияҳои ибтидоӣ маҷмуи методҳои таҳқиқотии зерин мавриди истифода қарор дода шудаанд:

– таҳлили назариявӣ ва ҷамъбастнамоии муқаррароти илмии психологиву педагогӣ, информатика, назарияи озмоиши педагогӣ;

– омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи омӯзиши информатика ва технологияҳои иттилоотӣ, фанҳои мухталиф бо истифодаи методҳои барномасозӣ дар технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ;

– таҳлили стандартҳои таълимии давлатии таҳсилоти олӣ, барномаҳои таълимӣ ва воситаҳои методӣ барои тайёр намудани бакалаврҳои ихтисоси информатика;

– методҳои ташхиси назариявӣ-муқоисавӣ, ретроспективӣ, моделсозӣ;

– методи ташхисӣ-саволномаҳо, методи баҳогузориҳои санҷишӣ;

– ташхиси маҳсули фаъолият, омӯзиши таҷрибаи психологиву педагогӣ;

– методҳои таҳқиқоти озмоишӣ (эксперимент);

– методҳои коркарди омории маълумотҳои таҷрибавӣ.

*Асосҳои методологии таҳқиқот* назарияҳои муосири педагогика ва психология, корҳои таҳқиқотии масъалаҳои иттилоотонии ҷомеа ва маориф, тайёрнамоии кадрҳо дар соҳаи истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ, ворид ва истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ба раванди таълим, коркард ва истифодаи низомҳо дар таҳсилот, ташаккул ва инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокии омӯзгорон ва донишҷӯён, назария ва амалияи таҳсилоти пайваста, рушди шахсӣ ва касбии омӯзгор дар низоми таҳсилоти пайвастаи педагогӣ, меъёрҳои қонунгузорӣ, маводҳои расмӣ ва ҳуҷҷатҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо ва воситаҳо ба ҳисоб меравад.

**Сарчашмаи маълумот** корҳои таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ ба мебошад, ки дар нашрияҳои мухталиф, монографияҳо, луғатҳо, воситаҳои таълимӣ оид ба мавзуи таҳқиқот интихоб ва ҷамъоварӣ шудаанд.

Асоси сарчашмаҳои таҳқиқотиро инчунин адабиёти илмӣ, педагоги-психологӣ ва методӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбии педагогӣ-психологӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

маориф», консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, маводи ҳамоишҳои байналмилалӣ ва коркардҳои назариявӣ ва методии олимон бахшида ба масъалаҳои ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика тавасути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот ташкил мекунад.

**Заминаҳои эмпирикӣ ин таҳқиқот,** ба муносибати амалии муаллифи диссертатсия ба объекти таҳқиқот асос ёфтаанд: омӯзиш, таҳлили адабиёт оид ба равоншиносӣ, лингводидактика, забоншиносӣ, дастурҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, шарҳи маълумоти илмӣ, муқоиса, ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ: мушоҳида, пурсишномапуркунӣ, таҳлили сифатию микдории натиҷаҳои таҳқиқот, озмоишҳои муқарраркунандаю омӯзонанда.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори таҷрибавӣ дар пойгоҳи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз соли 2019 дар се марҳила гузаронида шуд. Дар таҳқиқот 280 донишҷӯ ва 21 омӯзгори фанни информатика аз муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Душанбе ва Бохтар ширкат варзидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои таҳқиқот дар нуқтаҳои зерин таҷассуми худро ёфтаанд:

– ба таври маҷмуавӣ муносибатҳои илмии тайёрнамоии касбии бакалаврҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ ва баҳогузорӣ карда шуда, муаллиф муносибати худро нисбат ба онҳо муайян намудааст; дастгоҳи мафҳуми педагогии бо ин муносибатҳо алоқаманд тасниф гардида, муаллиф онҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ намудааст;

– ҷанбаҳои асосии муҳити иттилоотиву таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ гардида дар асоси таҳлили унсурҳои асосии муҳити иттилоотиву таълимӣ, қайд карда мешавад, ки он яке аз омилҳои асосии таъмини самаранокии тайёр намудани мутахассисони бакалавр ба ҳисоб рафта, диққати махсусро талаб менамояд;

– дар асоси донишҳои назариявӣ ва амалияи педагогӣ мафҳуми «салоҳиятҳои иттилоотӣ-иртиботӣ», вазифа ва унсурҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр, шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва касбӣ ошкор ва мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Қайд карда шудааст, ки натиҷаи чунин баррасӣ, донишҳоро оид ба неруи дидактикии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотиву иртиботӣ васеъ менамояд ва шаҳодат медиҳад, ки ҷорӣ намудани тарҳ ва шароити педагогӣ ба раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба ташаккули натиҷабахши салоҳиятҳои донишҷӯёни зинаи бакалавр мусоидат мекунад;

– дар асоси таҳлили сарчашмаҳои мухталифи педагогӣ, заминаҳо, омилҳо ва сабабҳои интихоби методи таълимӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ муайян карда шуда, қайд гардидааст, ки самаранокии методи интихобшуда аз баинобатгирии ин ҷанбаҳо вобаста аст. Асоснок карда шудааст, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ методҳои анъанавии таълим таҷдид гардида, ва сатҳи таъсиррасонии онҳо афзудааст;

– тарҳҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи салоҳиятнокии иттилотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалаври ихтисоси информатика мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар асоси таҳлили заминаҳои методологӣ тарҳи алоҳида аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда шудааст;

– корҳои санҷишиву озмоишӣ гузаронида, аз онҳо натиҷагирӣ карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– дар асоси таҳлили муносибатҳои омӯзиши тайёрнамоии касбии донишҷӯёни бакавлавр муайян гардидааст, ки муносибатҳои нисбатан маҳсулнок дар ин самт муносибатҳои аксиологӣ, гуманистӣ, акмеологӣ, самтгириҳои шахсӣ, низомӣ, интегративӣ, фаъолиятӣ ва салоҳиятнокӣ ба ҳисоб мераванд. Дар шароити имрӯза аксарияти муаллифон раванди тайёрнамоии касбии бакалаврҳоро аз нуқтаи назари муносибати салоҳиятнокӣ баррасӣ менамоянд. Муносибатҳои баррасигардида ҷанбаҳои

гуногуни тайёрнамоии бакалаврҳоро дида баромада, дар самти самаранок гардидани раванди таҳсилот саҳмгузор мебошанд. Қобили қайд аст, ки дар таъмини самаранокии раванди тайёрнамоии касбии бакалаврҳои ихтисоси информатика бунёд намудани муҳити иттилоотӣ-таълимӣ муҳим аст ва бо баррасии масъалаҳои мухталиф ин ақида дастгирӣ карда шудааст. Илова бар ин, муаллиф нуқтаи назари худро нисбат ба тарҳи бунёди муҳити иттилоотӣ-таълимӣ баён намудааст;

– дар раванди омӯзиш ва таҳлили ташаккул ва инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокии донишҷӯёни зинаи бакалавр, баррасии мафҳуми «салоҳиятҳои иттилоотӣ-иртиботӣ», ошкор намудани вазифаҳо ва унсурҳои дидактикӣ, муайян намудани шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва касбӣ муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Сатҳ ва сифати ташаккули салоҳиятҳои иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр дар раванди тайёрнамоии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, маҳз аз масъалаҳои зикргардида вобаста мебошанд. Натиҷаи чунин баррасӣ, донишҳоро оид ба неруи дидактикии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотиву иртиботӣ васеъ менамояд ва шаҳодат медиҳад, ки ҷорӣ намудани тарҳ ва шароити педагогӣ ба раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба ташаккули натиҷабахши салоҳиятҳои донишҷӯёни зинаи бакалавр мусоидат менамояд;

– дар марҳилаи кунунии рушди педагогика дар муайян намудани талаботҳои методологии истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ бояд на оид ба иваз намудани методҳои анъанавии таълим ба методҳои нав, балки дар хусуси аз нав дида баромадан ва пурра намудани методҳои анъанавӣ бо чунин як мазмуну мундариҷа, ки имконият медиҳад онҳоро дар шароити мавҷуда истифода намуд, сухан ронд. Ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба раванди таълим коркарди методҳои мувофиқ ва бунёди асосҳои методологии ин самти педагогикаро талаб менамояд;

– тарҳҳои мухталифи ташаккули салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалаври ихтисоси информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ гардида, ҷанбаҳои мухталифи он баҳогузорӣ ва корҳои санҷишиву озмоишӣ гузарониданида шуда, натиҷагирӣ карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад: асоснокнамоии назариявӣ ва ташаккули принсипҳои базавӣ ва иловагии омодасозии бакалаврҳо дар соҳаи омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ; ҷанбаҳои асосии муҳити иттилоотиву таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ ва нақши он дар таъмини самараноки тайёрнамоии бакалаврҳои ихтисоси информатика; мундариҷаи асосии унсурҳои фаъолияти иттилоотии мутахассис дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ муайян карда шудааст; талаботҳо ба дониш, малакаву маҳорати донишҷӯёни зинаи бакалаври ихтисоси информатика дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар фаъолияти таълимӣ ва фаъолиятиояндаи касбӣ муқарар гардидааст; мақсад ва самти мундариҷавии такмили тайёрнамоии донишҷӯён дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дақиқ карда шудааст; таъминоти таълимӣ-методии таҳсилоти бакалаврҳои ихтисоси информатика ба тавари назарявӣ асоснок гардидаст.

***Аҳаммияти амалии таҳқиққот*** бошад дар коркарди ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад: таъминоти илмӣ-методии таҳсилоти бакалаврҳои ихтисоси информатика дар раванди тайёрнамоии касбӣ; таъминоти ташкиливу методии тайёрнамоии донишҷӯёни зинаи бакалавр – мутахассисони ояндаи соҳаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ. Маводи таҳқиқотии мазкурро метавон дар тайёр намудани барномаи курсҳои махсуси «Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ», «Информатика», «Асосҳои фарҳанги иттилоотии мутахассис» ва дигар фанҳои ҳамрадифи педагогика истифода намуд.

Ҳамчунин, дар кор тавсияҳои методӣ оид ба тайёрнамоии касбии донишҷӯёни зинаи бакалавр дар истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва маводҳои ташхисӣ барои ошкор сохтани мушкилиҳо дар ин самт коркард шудаанд, ки дар раванди таълим ва низоми таҳсилот истифода гардиданашон ба манфиати кор аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисолаҳо таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, консепсияҳои ташхиси педагогӣ, бо такя ба як қатор методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, инчунин тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшуда ва таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо бандҳои шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба бандҳои зерини шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.08-01 Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти касбӣ) мутобиқ мебошад:

– *банди 2.* Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои педагогии нав ва системаи методии таълим дар асоси технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ки дар зинаҳои гуногуни таълими информатика рушди хонандаро таъмин менамояд;

– *банди 4.* Таҳқиқоти муқоисавии назария ва методикаи таълими информатика дар системаҳои гуногуни педагогӣ;

– *банди 8.* Назария ва амалияи коркарди стандартҳои давлатии таълими зинаҳо ва соҳаҳои гуногуни таълими информатика;

– *банди 14.* Коркарди барномаҳои таълимӣ аз информатика барои таълимгоҳҳои гуногуни зинаҳои таълимӣ;

– *банди 20.* Масъалаҳои коркарди системаҳои методии нави таълим ва тарбия аз информатика мутобиқ ба самтҳои рӯзмарраи информатикунонӣ ва навгонии таълими ватанӣ;

– *банди 21.* Назария ва методикаи истифодаи аёнияти техникии таълим дар соҳаҳои гуногуни дониш ва дар зинаҳои мухталифи таълим;

– *банди 28.* Асосҳои назариявию методологии коркард ва истифодаи

таъмини илмӣ-методии системаҳои таълими педагогӣ, ки имкониятҳои иттилоотию коммуникатсиониро амалӣ мегардонад;

– *банди 29.* Масъалаҳои мураттабсозии мазмун, усулҳо ва шаклҳои ташкилкунии таълим ва тарбия аз информатика дар шароити муосири ҷамъияти иттилоотӣ ва коммуникатсияи ҷаҳонишавӣ.

**Саҳми шахсии довталаб.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст. Натиҷаи он дар тасдиқи муқаррароти кори илмӣ, дар раванди корҳои озмоишӣ, таҳлил ва хулосабарории корҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳою конференсияҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо ва таҳияи диссертадсия таҷассум ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳо ба табъ расонидааст. Таҳқиқи мавзуи мавриди назар ковишҳо ва ҷустуҷӯву заҳмати бисёрсолаи муҳаққиқ маҳсуб ёфта, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсия дар 7 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаю тавсиягаштаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт бо феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳар боб мувофиқи масъалагузорӣ ба фаслҳои алоҳида тақсимбандӣ шудааст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 184 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, 10 расм ва 4 ҷадвалро фаро гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт 241 номгӯйро дар бар мегирад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи коркардшавии масъалаи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидааст; фарзияи таҳқиқ пешниҳод гашта, асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқот қайд шудааст; нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодгардида, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқот ифода карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «**Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули салоҳияти иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр»** аз 3 зербоб иборат мебошад.

Муаллифи рисола дар зербоби аввал бо унвони «**Муносибатҳои омӯзиши тайёрии касбии донишҷӯёни таҳсилоти зинаи бакалаврӣ»,** ба дигаргунсозии низоми таҳсилоти олӣ диққати махсус равона менамояд. Қайд мекунад, ки ба сифати омили асосии таҷдиди таҳсилоти олии касбӣ дархостҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, илм, техника, технология, бозори меҳнат, инчунин талаботҳои рушди дурнамои онҳо, аз он ҷумла бо дар назардошти таҷрибаҳои байналхалқӣ баромад менамоянд. Қайд карда мешавад, ки ба ҷомеаи тоҷикон дар шароити кунунӣ мутахассисони маълумотнок, боирода, боғайрату ташаббускор заруранд, ки тавонанд мустақилона боояндабинии оқибатҳои имконпазир қарорҳои пурмасъулро дар ҳолати муносиб қабул намоянд, ҳамеша ба ҳамкорӣ омода буда, бо масъулият ва созандагӣ фарқ кунад ва дорои ҳисси баланди масъулиятшиносӣ барои тақдири миллату давлати худ бошанд.

Муассисаи таҳсилоти олии муосир, ки дар муҳити бозоргонӣ фаъолият дорад ва дар мубориза барои захираҳои молиявӣ иштирок менамояд, барои иҷрои тамоми вазифаҳои муассисаи таълимӣ воситаҳои зарурирo надорад, аз ин хотир ба масъалаи мушкил рӯ ба рӯ мешавад: афзалиятро ба таҳқиқотҳои илмӣ диҳад ё ба пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ диққати ҷиддӣ равона созад. Пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ мувофиқи талаботҳои бозор ба ташкили донишгоҳи корпоративӣ оварда мерасонад. Мутахассисон дар бозори меҳнат омодагии худро ба фаъолияти касбӣ баён карда, барои ҷойҳои кор ба якдигар рақобат менамоянд. Аз ин хотир рақабатпазирии мутахассис дар бозори меҳнат яке аз нишондиҳандаҳои асосии бо кор таъмин гардидани мутахассисон ба ҳисоб меравад.

Рақобатпазирии мутахассис дар бозори меҳнат бо низоми мукаммали донишҳо, маҳорат, малака, восита ва услубҳои фаъолият, сифатҳои шахсии дорои аҳаммияти касбӣ, салоҳиятҳо, сатҳи баланди ихтисосмандӣ, қобилияти мутобиқгардӣ ба воқеият ва иҷроиши самараноки вазифаҳои касбӣ муайян карда мешавад.

Чунин мешуморем, ки баррасии муносибатҳои илмии омӯзиши тайёрнамоии бакалаврҳо аз таснифоти мафҳумӣ оғоз мегардад ва дар ин самт муайян намудани мафҳуми «тайёрнамоии касбӣ», «бакалавр» мувофиқи мақсад аст.

Ҳамин тариқ, дар низоми муосири таҳсилоти олӣ тайёрнамоии касбии бакалаврҳо яке аз равандҳои мураккаб ба ҳисоб меравад. Омӯзиш ва баррасии ин раванд бояд аз мавқеъҳои гуногун амалӣ гардад, зеро имконият медиҳад, ки маҷмуи муносибатҳои илмӣ муайян гардида, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот ошкор карда шаванд.

Муносибатҳои зикргардида дар маҷмуъ пойгоҳи назариявии раванди таҳқиқшавандаро ташкил намуда, имконият медиҳанд, ки тасаввуроти том оид ба моҳияти таҳқиқи тайёрии касбии бакалаврҳо ба даст оварда шавад.

**Муносибати аксиологӣ (арзишӣ).** Муносибати аксиологӣ имконият медиҳад, ки падидаҳои педагогӣ аз нуқтаи назари арзишҳои умумиинсонӣ

омӯхта шаванд. Дар асоси аксиологияи педагогӣ фаҳмиш ва тасдиқоти арзишҳои ҳаёти инсонӣ, омӯзиш ва таҳсилот ба таври умумӣ ҷой доранд. Мафҳуми «арзиш» дар ҷанбаи таҳқиқотии мо, ин категорияи сервазифаи худшиносии бакалавр аст, ки бевосита бо фаъолияти касбии ӯ алоқаманд аст ва унсури бунёдкунандаи низоми худтанзимнамоии шахсият ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, истифодаи муносибати аксиологӣ имконият медиҳад, ки самтгириҳои асосии арзишӣ дар сохтори тайёрнамоии касбии бакалаврҳо ошкор карда шаванд, роҳҳои афзалиятноки бадастории онҳо дар раванди фаъолияти ояндаи касбӣ таҳлил гарданд ва онҳо аз мавқеи аҳамиятнокӣ барои тайёрнамоии касбӣ ва худинкишофдиҳии бакалаврҳо баррасӣ карда шаванд.

**Муносибати гуманистӣ.** Муносибати гуманистӣ аз тасаввурот оид ба табиати гуманистии фаъолияти педагогӣ бармеояд, ки дар доираи низоми «инсон-инсон» амалӣ мегардад ва муносибат ба шахсиятро ҳамчун пайвасткунандаи равандҳои иҷтимоӣ, табиӣ ва маънавӣ пешниҳод менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таҳсилоти муосир яке аз самтҳои калидӣ маҳз гуманизатсияи раванди таълиму тарбия ба ҳисоб меравад.

**Муносибати акмеологӣ.** Муносибати акмеологӣ имконият медиҳад, ки стратегияи назариявии омода намудани бакалаврҳо муайян карда шавад. Мақсади истифодаи муносибати акмеологӣ дар низоми тайёр намудани бакалаврҳо ба фаъолияти касбӣ дар амал татбиқ намудани таъсиррасонии акмеологӣ-педагогӣ ба донишҷӯён ба хотири ташаккули самтгириҳои касбӣ-арзишӣ, ҳадафнокии касбӣ, ҳавасмандии касбӣ ва саъю кӯшиш ба муваффақиятҳои касбӣ, инчунин омодагӣ ба фаъолияти эҷодии касбӣ ба ҳисоб меравад. [1, с. 30]

**Муносибати ба шахсият нигаронидашуда.** Ба он такя менамояд, ки шахсият дар ягонагӣ хусусиятҳои равонӣ ва фардияти худро ташаккул медиҳад. Дар тайёрнамоии касбии бакалаврҳо истифодаи муносибати ба шахсият нигаронидашуда дар муносибати донишҷӯён ба корҳои

мустақилона; ҳавасмандгардонии фаъолнокии ҳар як донишҷӯ бо дар назардошти имконият ва шавқу рағбати инфиродии ӯ; пешниҳоди интихоби корҳои гурӯҳӣ ё корҳои инфиродӣ; баҳогузории корҳои иҷрошуда аз ҷониби худи донишҷӯён ва сипас омӯзгор; дар истифода намудани вазифаҳои инфиродӣ зоҳир мегардад.

**Муносибати системавӣ.** Дар доираи муносибати низомӣ чунин як ташкили тайёрнамоии касбӣ фаҳмида мешавад, ки дар он тамоми унсурҳо дар вобастагӣ, инъикоси доимӣ ва ислоҳи натиҷаҳо, бунёди шароит, ки бадастории натиҷанокии онро таъмин менамояд, қарор доранд. Муносибати системавӣ муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тайёрнамоии касбӣ, бунёди консепсияҳои (самтҳои асосӣ, стратегияи амалинамоии онҳо, барномаҳо ва методикаҳо) тайёрнамоии бакалаврҳо ба фаъолияти касбӣ; муайян сохтани унсурҳои сохтории ин низом; ошкор кардани характери алоқамандии унсурҳои сохторӣ; ошкор сохтани сатҳ ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷаи тайёрнамоии касбиро пешниҳод менамояд.

**Муносибати интегративӣ.** Муносибати интегративӣ, аз як тараф, ҳамгироии мундариҷа, ки дар он дониши фанҳои алоҳидаи таълимӣ дар соҳаи таҳсилот муттаҳид шудаанд, аз тарафи дигар ҳамгироии методҳои таълимро пешниҳод менамояд. Ҳамгироӣ дар раванди таълим ин пурранамоии тарафайн, мутобиқнамоии вазифаҳои таълимии фанҳои мухталиф, васеънамоии мухталифи алоқаҳои байнифаннӣ, амиқгардии танзимшавандаи мундариҷаи курсҳои алоҳида ба ҳисоб меравад. Равандҳои ҳамгироӣ на ҳамчун ҷамъбастнамоӣ, балки ҳамчун рушд, ҳамчун самтгирӣ ва ягонагӣ фаҳмида мешавад.

**Муносибати фаъолиятнокӣ.** Муносибати фаъолиятнокӣ назарияеро пешниҳод менамояд, ки муқаррароти асосии он нақши пешбарандаи фаъолият дар раванди ташаккули шахсият ба ҳисоб меравад. Фаъолияти таълимии бакалаврҳо дар доираи ин муносибат дар шакли пешниҳоди мунтазами ҳолатҳои мушаххаси касбӣ, ки ба шароити воқеӣ наздик карда шудааст, дар асоси гузориши вазифа ва ҳалли онҳо (таҳлил ва ҳалли

ҳолатҳои мазкур, баҳсҳои гурӯҳӣ, ҳалли вазифаҳои созанда, коркард ва таҳияи лоиҳаҳо, бозиҳои корӣ) баррасӣ карда мешаванд.

**Муносибати салоҳиятнокӣ.** Дар асоси муносибати салоҳиятнокӣ фарҳанги худмуайянамоӣ (ташаккули қобилият ва омодагӣ ба худмуайянкунӣ, худамалинамоӣ, худинкишофдиҳӣ) ҷой дорад. Дар асоси рушди касбӣ, бакалаври таҳсилоти омӯзгорӣ имконият пайдо мекунад, ки дар касби худ ҷанбаи нав ё худ инноватсиониро бунёд намояд. Ӯ метавонад барои қабули қарор масъулиятнок бошад, дар асоси асоснокнамоии арзишии ташаккулёфта мақсад ва вазифаҳоро муайян созад. Дар асоси таҳлили муносибатҳои таълимӣ ва омодасозии касбии донишҷӯёни бакалавр мо муайян кардем, ки дар ин ҷода муносибатҳои аксиологӣ, гуманистӣ, акмеологӣ, ба шахсият нигаронидашуда, системавӣ, интерактивӣ, фаъолиятнокӣ-салоҳиятнокӣ муносибатҳои сермаҳсул мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза аксарияти муаллифон раванди тайёрнамоии касбии бакалаврҳоро аз нуқтаи назари муносибати салоҳиятнокӣ баррасӣ менамоянд. Мо ба чунин хулоса ододем, ки муносибатҳои зикргардида ҷанбаҳои гуногуни тайёрнамоии бакалаврҳоро баррасӣ намуда, дар самти самаранок гардидани раванди таҳсилот саҳмгузор мебошанд. Муносибатҳои мазкур дар маҷмуъ асоси назарявии раванди таҳқиқотиро ташкил медиҳад ва ба гирифтани тасаввуроти пурра дар бораи моҳияти таҳқиқоти омодасозии касбии бакалаврҳо имкон медиҳад.

Дар зербоби дуюм – **«Ҷанбаҳои асосии муҳити иттилоотиву таълимӣ дар муассисаҳои олии касбӣ»** баррасӣ шудааст.

Дар солҳои охир аҳаммияти муҳити иттилоотӣ-таълимии муассисаи таълимӣ барои раванди таълим ва натиҷаҳои он ба таври назаррас афзудааст. Чунин афзоиш натиҷаи ҳам омилҳои берунаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳам шароити дохилии соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии муҳити иттилоотӣ-таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ таъмини мутобиқати низоми маориф ба ҷомеаи нави иттилоотӣ ҳисобида мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муддати тулонӣ мафҳуми муҳити иттилоотӣ-таълимӣ диққати муаллифон ва педагогҳои машҳурро ба худ ҷалб намудааст. Масъалаи мазкур аз тарафи як қатор муаллифон, ба монанди М.И. Башмаков, Г.Ю. Беляев, С.Г. Григорев, О.А. Илченко, А.А. Кузнетсов, С.В. Панюкова, С.Н. Поздняков, Е.С. Полат, И.В. Роберт ва дигарон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар самти омӯзиш ва баррасии муҳити иттилоотӣ-таълимӣ ин масъалаи таснифоти мафҳум ба ҳисоб меравад. Зеро то ба имрӯз дар асоси мавҷудияти мавқеъҳои мухталиф таснифоти ягона ва ҳамаро қонеъкунандаи ин мафҳум пешниҳод нагардидааст. Илова бар ин, нисбат ба моҳият ва сохтори муҳити иттилоотӣ-таълимӣ низ мавқеи ягона ҷой надорад. Аз ин хотир зарур аст, ки чунин мафҳумҳо, ба монанди «муҳит, «муҳити таълимӣ», «муҳити таълимӣ-иттилоотӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Метавон қайд намуд, ки рушди эҷодии инфиродӣ дар як ҳолат дар шароити якчанд муҳитҳои таълимӣ амалӣ мегардад: ташкилот, ки дар он бевосита фаъолият дорад, муассисаи таҳсилоти пасаздипломии мутахассисон; муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии касбӣ ва ғайраҳо. Ҳамкории фаъол бо муҳитҳои мухталифи касбӣ ба ошкоргардии сифатҳои аҳамиятноки касбии мутахассисон мусоидат менамояд.

Дар илм муносибати ягонаи таснифоти мафҳуми «муҳити таълимӣ», инчунин тасаввуроти умумӣ оид ба хусусиятҳо ва сохтори он ҷой надоранд. Назарияи муҳити таълимӣ дар марҳилаи ташаккули худ қарор дорад. Муҳаққиқон ин падидаро дар доираҳои мухталиф аз мавқеи фалсафа, педагогика, психология, информатика ва дигар илмҳо баррасӣ менамоянд.

Кручинина Г.А. муҳити таълимиро ҳамчун қисми фазои иҷтимоӣ-фарҳангӣ тасниф ва пешниҳод кардааст, ки он ҳамчун фазои ҳамкории низомҳои таълимӣ, унсурҳои онҳо, маводҳои таълимӣ ва субъектҳои раванди таълимӣ қабул карда шавад.[3, с. 115] Г.Н. Сериков қайд менамояд, ки муҳити таълим ҳамчун шароити мавҷудияти низоми таълимӣ баромад мекунад.[7, с.

211] Мувофиқи ақидаи В.А. Козирев, зери мафҳуми «муҳити таълимӣ» фаъолияти муассисаи мушаххаси таълимӣ фаҳмида мешавад. .[1, с. 54]

Муносибатҳои мухталифро ба масъалаи муҳити таълимӣ таҳлил намуда, муҳаққиқон муҳити мушаххаси муассисаи таълимиро дар назар доранд, зеро ба ақидаи онҳо муҳити таълимӣ аз маҷмуи омилҳои моддӣ; омилҳои фазоӣ-мавзуӣ; унсурҳои иҷтимоӣ; муносибатҳои байнишахсӣ иборат мебошад.

Омӯзгоронро зарур аст, ки ба муҳити иттилоотӣ-таълимӣ фаъолияти педагогии худро ворид намуда, унсурҳои онро мавриди истифода қарор диҳанд ва бо ҳамкорон, донишҷӯён, маъмурият, волидайн ҳамкориҳои иттилоотӣ-касбиро ба роҳ монанд. Аз ин хотир, сатҳи тайёрии иттилоотии тамоми иштирокчиёни раванди таълим омили муҳим мегардад, ки муваффақиятҳоро дар соҳаи фаъолияти касбӣ муайян менамояд.

Дар асоси таҳлил як қатор тавсифоти сатҳи маълумотнокии бакалаврро ҷудо кардан мумкин аст. Якум мақсади раванди омодасозии касбӣ рушди донишу малакаҳо зарурӣ мебошад. Таҳсилоти касбӣ дар ташаккул додани салоҳиятҳои муайян равонааст, ки чун шарти татбиқи самараноки фаъолияти касбии хатмкунандагон барасӣ мегардад. Дуюм, таҳсилоти касбии бакалаврҳо бо ташаккули мунтазами асосҳои умумии илмӣ ва умумикасбии рушди минбаъдаи шахсияти донишҷӯ дар магистратура равонааст.

Дар боби дуюм – «**Мундариҷаи ташаккули салоҳияти технологияҳои иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр**» чун ворид гардидани технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва афзудани нақши онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тасниф карда мешавад.

Дар зербоби аввал бо унвони «**Вазифаҳои дидактикии ташаккули салоҳияти иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр**» муаллифи дисертатсия қайд менамояд, ки зери мафҳуми «салоҳиятҳои иттилоотиву иртиботӣ» дастовардҳои шахсии донишҷӯи зинаи бакалавр дар истифода намудани технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар раванди азхудкунии мазмуну мундариҷаи таҳсилот, ки дар тағйиротҳои захираҳои шахсӣ, ба монанди дигаргуниҳо дар захираҳои ҳавасмандиву арзишӣ, маърифатӣ,

фаъолиятӣ, таҷассум мегардад ва қобилияти бомуваффақият амал намудани ӯро дар ҳалли масъалаҳои шахсӣ, касбӣ ва ҷамъиятӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар фазои муосири иҷтимоиву фарҳангӣ таъмин менамояд, фаҳмида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ яке аз масъалаҳои муҳимми стратегӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити Тоҷикистон ворид ва мавриди истифода қарор додани технологияҳои иттилотиву иртиботӣ дар барномаҳои миллӣ, соҳаи сиёсати давлатӣ таҷассум ёфтаанд. Чунин икдомҳои давлатӣ дар Барномаи давлатии компютеркунонии мактабҳои маълумоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Барномаи давлатии рушд ва ворид намудани технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015, Стретегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 ва дигар санадҳои меъёрии дар ин самт қабулгардида ба таври мушаххас дарҷ гардидаанд.

